Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «24»ноябри соли 2026, №141
тасдиқ шудааст

Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ

Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ (минбаъд -Тартиб) раванди санҷиши ҳолати мутобиқи қонунгузорӣ риоя ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар ташкилотҳои суғуртавиро ҳангоми гузаронидани санҷишҳо тибқи Тартиби назорати риояи қонунгузорӣ дар соҳаи суғурта бо роҳи гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2024, №78 тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2024, №1313 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст (минбаъд - санҷиш) танзим намуда, доираи амали кормандони воҳиди сохтории ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро дар раванди гузаронидани санҷишҳо ва талаботҳои махсусро нисбати раванди гузаронидани санҷишҳо, пайдарҳамии муҳлати гузаронидани санҷишҳо, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаи он муқаррар менамояд.

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Санҷиши ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ, аз ҷониби кормандони воҳиди сохтории ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар ҳайати гурӯҳи санҷишии Бонки миллии Тоҷикистон ё дар ҳолати зарурӣ мустақилона амалӣ карда мешавад.

2. Мақсади асосии санҷиш аз инҳо иборат аст:

-назорати риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ;

-ошкорсозии хавфҳо, ки дар натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ба миён омадаанд ва онҳо ба риоя нашудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ, нигаҳдории боварии онҳо ба ташкилотҳои

суғуртавӣ ва баҳодиҳии таъсири эҳтимолии онҳо ба фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ вобастагӣ доранд ва таъмини сатҳи зарурии ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ;

-таҳкими боварии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ ба низоми суғурта.

3.Тартиби мазкур нисбат ба ташкилотҳои суғуртавӣ, филиал ва намояндагиҳои он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, филиал ва намояндагиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиалу намояндагиҳои ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

2. САМТҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ

4.Санҷиш ба қонунгузорӣ мутобиқ будани самтҳои зеринро дар бар мегирад:

-санҷиши ифшои маълумот оид ба хизматрасониҳои суғуртавии пешниҳодшаванда;

-санҷиши сатҳу сифати хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ;

-санҷиши раванди баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ ва баҳсҳо;

-санҷиши риояи талабот оид ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ;

-санҷиши раванди назорати дохилии ташкилотҳои суғуртавӣ доир ба риояи қонунгузорӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ.

5.Санҷиши ифшои маълумот оид ба хизматрасониҳои суғуртавии пешниҳодшаванда инҳоро дар бар мегирад:

-санҷиши ифшои маълумот ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ оид ба хизматрасониҳои суғуртавӣ;

- санҷиши риояи принсипҳо ва талаботи умумӣ ба ифшои маълумот оид ба хизматрасониҳои суғуртавӣ;

-санҷиши ифшои маълумот ба истеъмолкунандагон то бастани шартномаҳои суғурта;

-санҷиши шартномаҳои суғурта аз рӯйи ҳар як намуди хизматрасонии суғуртавии пешниҳодшаванда, мазмун ва маълумоти дар онҳо дарҷёфта;

- санҷиши ифшои маълумот ба истеъмолкунандагон дар муддати эътибори шартномаҳои суғурта.

6.Санҷиши сифати хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ инҳоро дар бар мегирад:

-санҷиши тартиб, шарт ва шакли тамос бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ;

-санҷиши риояи рафтори хизматӣ аз ҷониби кормандони ташкилотҳои суғуртавӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ ба истеъмолкунандагон.

7.Санҷиши раванди баррасии муроҷиатҳо ва баҳсҳо инҳоро дар бар мегирад:

-санҷиши раванди қабул, бақайдгирӣ ва баррасии муроҷиатҳо оид ба пардохту ҷуброни суғуртавӣ ва дигар хизматрасониҳои суғуртавӣ;

- санҷиши раванди ҳалли арзу шикоят ва баҳсҳо;

-санҷиши раванди огоҳонидани истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ аз натиҷаи ҳалли баррасии арзу шикоят ва баҳсҳо.

8.Санҷиши риояи талабот оид ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ аз инҳо иборат мебошад:

-санҷиши дурустии маълумотҳои нашршуда (дастурҳои маълумотӣ, брошураҳо, буклетҳо, варақаҳо, ки дар эълонҷойҳо (афишаҳо), хиёбонҳо, плакатҳо, тахтаи эълонҳо ва дигар воситаҳои техникӣ ҷойгир карда шудаанд) дар бораи хизматрасониҳое, ки аз тарафи ташкилотҳои суғуртавӣ пешниҳод шудааст;

- санҷиши мутобиқати маълумоти дар воситаҳои ахбори оммаи электронӣ нашршуда (сомонаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ);

- санҷиши дурустии дигар маълумоте, ки ба дастрасии умум пешниҳод гардидааст.

9.Санҷиши раванди назорати дохилии ташкилотҳои суғуртавӣ доир ба риояи қонунгузорӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ дар амалия ва фаъолияти корӣ инҳоро дар бар мегирад:

- санҷиши мавҷудияти сиёсат ва қоидаҳои (равандҳои) дахлдор;

-санҷиши татбиқи дахлдори чунин сиёсат ва қоидаҳо (равандҳо) бо мақсади муайянсозии мутобиқатии онҳо ба фаъолияти амалии ташкилотҳои суғуртавӣ.

10.Санҷишҳое, ки дар бандҳои 4 - 9 Тартиби мазкур дарҷ шудаанд, бо чунин мақсад анҷом дода мешаванд:

-ошкорсозии поймолшавии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ дар натиҷаи фаъолияти амалии ташкилотҳои суғуртавӣ аз нигоҳи риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тақвияти боварию эътимоди аҳолӣ ба низоми суғурта, инчунин эҳтимолияти таъсиррасонии онҳо ба фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ;

-санҷиши мутобиқати фаъолияти воқеии ташкилотҳои суғуртавӣ ба талаботи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмокунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ.

11.Санҷиш аз ҷониби мутахассисони идора дар доираи санҷишҳои солонаи ташкилотҳои суғуртавӣ якҷо бо кормандони воҳиди сохтории Бонки миллии Тоҷикистон оид ба назорати суғуртавӣ (санҷишҳои нақшавӣ) ё ҳангоми зарурат бевосита аз ҷониби кормандони идора ба таври ғайринақшавӣ (мавзуӣ) гузаронида мешавад.

12.Санҷиши нақшавии ташкилотҳои суғуртавӣ на камтар аз як маротиба дар як сол гузаронида мешавад.

13.Санҷиши ғайринақшавӣ (мавзуӣ) тибқи супориши раиси Бонки миллии Тоҷикистон ё муовини ӯ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

-дар асоси баррасии арзу шикоятҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон ворид шудаанд;

- тибқи дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

3. ТАЛАБОТИ МАХСУС ДОИР БА ОМОДАГӢ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ

14.Омодагӣ барои гузаронидани санҷиши ташкилотҳои суғуртавӣ дар асоси маълумоти мавҷудбуда дар Бонки миллии Тоҷикистон оид ба дақиқ намудани масъалаҳои санҷишшаванда, давраи санҷиш ва муайянсозии миқдор, интихоб намудани ҳуҷҷатҳое (маълумоте), ки барои гузаронидани санҷиш заруранд, сурат мегирад.

15.Барои ташкил ва гузаронидани санҷиш аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумот ва ҳуҷҷатҳои зерин истифода карда мешавад:

-қонунгузории амалкунанда, ҳуҷҷатҳои ташкилию маъмурӣ, дастурамалҳо, қоидаҳо, низомномаҳо, тартибҳо, уҳдадориҳои вазифавӣ, дастурҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти суғуртавӣ;

-маълумоти нашрнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (сомонаҳои интернетӣ, саҳифаҳои расмӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, маводҳои чопӣ, брошураҳо, буклетҳо ва ғайра);

-ҳисоботи нашрнамудаи ташкилоти суғуртавӣ;

-шартномаҳое, ки байни ташкилоти суғуртавӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ оид ба маҳсулоти суғуртавӣ баста шудаанд;

-қоидаҳое, ки барои пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ тасдиқ шудаанд;

-мукотиботи хаттии Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои суғуртавии санҷишшавада баъди санҷиши ҳамаҷонибаи он, аз ҷумла ҳуҷҷатҳое, ки ба масъалаҳои ҷорӣ дар ташкилотҳои суғуртавӣ ва роҳи ҳалли онҳо дахл доранд, инчунин чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасоние, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон татбиқ карда шудаанд;

-натиҷаи санҷиши охирин ва аз он қаблии ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ, инчунин натиҷаи иҷрои тавсияҳое, ки баъди санҷиши охирин пешниҳод шудаанд;

-маълумот оид ба бартарафсозии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳо, ки дар рафти санҷишҳои қаблӣ ошкор шудаанд;

-шикоятҳое, ки баъди санҷиши қаблӣ ба суроғаи ташкилотҳои суғуртавӣ ва ҳамзамон ба Бонки миллии Тоҷикистон ворид гардидаанд;

- дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои санҷишгарон муҳим ҳисобида мешаванд.

16.Санҷишгарон метавонанд аз ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои суғуртавии санҷишшаванда нусхабардорӣ намоянд.

17.Ҳангоми санҷиш махфияти маълумоти вобаста ба сирри давлатӣ, суғуртавӣ, тиҷоратӣ ва дигар маълумоте, ки ифшои он мутобиқи қонунгузорӣ манъ мебошад, риоя ва таъмин карда мешавад.

18.Ҳамаи ҳуҷҷатҳои асл ва таҳҳизоти техникӣ, ки бо мақсади санҷиш талаб карда шудаанд, баъди анҷоми санҷиш баргардонида мешаванд.

19.Дар раванди санҷиш маълумоте, ки барои иҷрои вазифаҳои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ заруранд, ҷамъоварӣ мегардад. Маълумоти дар раванди санҷиш бадастомада барои баҳогузорӣ ва тартиб додани хулоса оид ба ҳолати умумӣ ё самтҳои алоҳидаи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ асос мебошад. Инчунин, маълумот дар бораи ҳолатҳое, ки дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ муайян карда шудаанд, метавонад барои татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонии дар қонунгузорӣ пешбинишуда асос гардад.

20.Санҷиш аз лаҳзаи аз ҷониби роҳбари гурӯҳи санҷишӣ ба роҳбари ташкилоти суғуртавӣ пешниҳод гардидани супоришнома тибқи Замимаи №1 Тартиби назорати риояи қонунгузорӣ дар соҳаи суғурта бо роҳи гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2024, №78 тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2024, №1313 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, оғоз ёфта, пас аз супурдани санади санҷиш барои шиносоӣ ба ташкилоти суғуртавӣ дар асоси пайнавишти қабулу супурд ба итмом мерасад.

21.Муҳлати санҷиши ташкилоти суғуртавӣ вобаста ба теъдоди филиалҳо, воҳидҳои сохтории онҳо метавонад то ба 30 рӯзи тақвимӣ муқаррар карда шавад. Дар ҳолатҳои асосноккардашуда он метавонад ба муҳлати то 10 рӯзи тақвимӣ тамдид карда шавад.

4.ТАЛАБОТИ МАХСУС БАРОИ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ НАТИҶАҲОИ САНҶИШИ ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВӢ

22.Санади санҷиш ҳуҷҷати дорои маълумоти дастрасияш ба шахсони сеюм, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, маҳдуд буда, тибқи Замимаи №1 ба Тартиб дар ду нусха ҳангоми гузаронидани санҷиши ғайринақшавӣ (мавзуӣ) ва дар се нусха ҳангоми гузаронидани санҷиши нақшавӣ ба расмият дароварда мешавад. Дар санади санҷиш баҳодиҳии воқеии ташкилоти суғуртавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ мегардад.

23. Санади санҷиш аз қисмҳои зерин иборат мебошад:

-муқаддима;

-ифшои маълумот доир ба хизматрасониҳои суғуртавии пешниҳодшаванда;

-сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ;

-раванди баррасии муроҷиатҳо дар самти хизматрсониҳои суғуртавӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ;

-риояи талабот доир ба нашри маълумот;

-ошкорсозии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва камбудиҳо дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ;

-хулоса ва пешниҳодҳо.

24.Қисми муқаддимавии санади санҷиш маълумоти зеринро дар бар мегирад:

-сана ва рақами супоришномаи Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани санҷиши ташкилоти суғуртавӣ;

-санаи оғоз ва анҷоми санҷиш;

-самтҳои санҷишшудаи фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ;

-тасдиқи муҳокима шудани натиҷаи санҷиш бо намояндагони ташкилоти суғуртавӣ (бо зикри ному насаби намояндагоне, ки дар муҳокима иштирок намудаанд);

-хотиррасонӣ дар бораи он, ки маълумоти дар санади санҷиш зикршуда сирри давлатӣ, хизматӣ ё тиҷоратӣ маҳсуб ёфта, ба шахсони сеюм танҳо тибқи тартиби аз ҷониби қонунгузорӣ муқарраршуда пешниҳод карда мешавад;

-дар ҳолати ошкор гардидани камбудиҳо дар ташкилоти суғуртавӣ, қайд карда мешавад, ки онҳо таҳти назорати қатъии гурӯҳи санҷишӣ қарор доранд.

25.Дар қисмати санади санҷиш оид ба ифшои маълумот доир ба хизматрасониҳои суғуртавии пешниҳодшаванда маълумоти муфассал дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, масъалаҳо ва камбудиҳое, ки дар рафти санҷиши шартҳои ифшои маълумот вобаста ба хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи ташкилоти суғуртавӣ ошкор шудаанд, инчунин, маълумоти дарбаргирифтаи онҳо, сабабҳои пайдоиш ва таъсири онҳо ба вазъи ташкилоти суғуртавӣ дарҷ карда мешаванд.

26.Дар қисмати санади санҷиш оид ба сифати хизматрасонии муштариён маълумоти муфассал дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, масъалаҳо ва камбудиҳо, мутобиқатии фаъолияти маркази тамос, рафтори кории кормандон ва сифати хизматрасонии ташкилоти суғуртавӣ оварда мешавад.

27.Дар қисмати санади санҷиш оид ба раванди баррасии муроҷиатҳо маълумоти муфассал дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, масъалаҳо ва камбудиҳое, ки дар рафти қабули арзу шикоят ва баҳсҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ ошкор шудаанд, роҳҳои ҳалли онҳо, қарорҳои қабулшуда ва ба истеъмолкунандагон хабар расонидан аз натиҷаи онҳо ва дар умум оид ба ҳамаи раванди баррасии муроҷиатҳо, сабабҳои пайдоиш ва таъсири онҳо ба вазъи ҷории ташкилоти суғуртавӣ оварда мешавад.

28.Дар қисмати санади санҷиш оид ба риояи талабот доир ба нашри маълумоти муфассал вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳо, масъалаҳо ва камбудиҳое, ки дар рафти санҷиши дурустии дастурҳои маълумотӣ, брошураҳо, буклетҳо, варақаҳо, эълонҷойҳо, плакатҳо, тахтаи эълонҳо ва дигар воситаҳои техникӣ ошкор шудаанд ва тавассути онҳо маълумот пешниҳод карда мешавад, инчунин сабабҳои пайдоиш ва таъсирашон ба вазъи ташкилоти суғуртавӣ зикр мегардад.

29.Дар қисмати санади санҷиш оид ба ошкорсозии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳо дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ маълумот вобаста ба риоя нагардидани муқаррароти қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи санҷиш ошкор шудаанд, бо зикри модда ва қисми/банди вайроншудаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, санаи содиршавии вайронкунӣ ва тавсифи он зикр мегардад.

Дар ҳамин қисмат ҳамаи масъалаҳои муҳимми ҷойдошта, паҳлуҳои заифи ташкилоти суғуртавӣ, самтҳои сатҳи баланди хавфдошта ва дигар камбудиҳо, ки вайронкунии муқаррароти қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, метавонанд ба манфиатҳои истеъмолкунандагон таъсири манфӣ расонанд, зикр карда мешаванд. Дар ҳолати мавҷуд набудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳо дар ин қисмати санади санҷиш маълумоти “Дар рафти санҷиш ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудҳо ошкор нашудаанд” дарҷ карда мешавад.

30.Дар қисмати хулосавӣ ва пешниҳодотии санади санҷиш хулосаҳои дар натиҷаи санҷиш баровардашуда, ҷамъбаст гардида, ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳои ошкоршуда дарҷ шуда, инчунин шарҳи мухтасари вазъи ҷойдоштаи ташкилоти суғуртавӣ дар самти ҳимояи манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон зикр карда мешавад.

Дар ин қисмат инчунин пешниҳодҳои асосии санҷишгарон, ки ислоҳи масъалаҳои ҷойдоштаро аз рӯйи дараҷаи муҳиммияташон, ки бо назардошти принсипи “аввалиндараҷа” дар бар мегиранд, дарҷ карда мешаванд. Пешниҳодҳои санҷишгарон бояд пеш аз ҳама самтҳои заиф, осебпазир ва камбудидоштаи фаъолияти ташкилоти суғуртавиро фаро гиранд.

31.Ҳамаи дигар хулосаву пешниҳодҳо, ки дар қисматҳои дигари санади санҷиш зикр нашудаанд, дар қисмати хулосавӣ ва пешниҳодотии санади санҷиш ҷойгир карда мешаванд.

32.Супурдани санади санҷиш барои шинос намудани мақомоти идоракунии ташкилоти суғуртавӣ дар асоси пайнавишти қабулу супурди санади санҷиш, ки дар ду нусха мутобиқи Замимаи №2 ба Тартиб таҳия карда мешавад, амалӣ мегардад.

33.Роҳбари ташкилоти суғуртавӣ бояд бо санади санҷиш дар муҳлати на зиёда аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи имзо шудани пайнавишти қабулу супурди он шинос гардад.

Замимаи №1
ба Тартиби гузаронидани санҷиши
ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти
ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони
хизматрасониҳои молиявӣ

САНАДИ
санҷиши ташкилоти суғуртавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои
истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ
(шакли намуна)

Бонки миллии Тоҷикистон

Барои истифодаи хизматӣ
Нусхаи №____

Санади санҷиш

_____
(номи расмии ташкилоти суғуртавӣ)

Таърихи таҳияи санад: ___ _____ соли 20__, рақами (№) қайд _____
Ҷойи таҳия шудани санад: санади санҷиш

_____
(номи расмии ташкилоти суғуртавӣ)

Оғози санҷиш: ___ _____ соли 20__
Анҷоми санҷиш: ___ _____ соли 20__
Санади мазкур аз рӯйи натиҷаи
санҷиши_____
_____,
(номи расмии ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он)
ки мутобиқи супоришнома барои гузаронидани санҷиш аз ___ _____ соли 20__, №__ гузаронида мешавад, таҳия гардид.

Санади санҷиш (қисми муқаддимавӣ, таҳлилӣ ва хотимавӣ), сохтор ва мазмуни санади санҷиш мутобиқи Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилоти суғуртавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Замима ба санади санҷиш: дар____варақ
(бо нишон додани номгӯйи ҳуҷҷатҳои замимашаванда (нусхаи онҳо). Санади мазкур дар се нусха, ки ҳар се эътибори ягонаи ҳуқуқӣ доранд, таҳия шудааст.

Роҳбари гурӯҳи санҷиш _____

_____ (ному насаб)

(имзо)

Аъзои гурӯҳи санҷиш _____

_____ (ному насаб)

(имзо)

Бо санади санҷиши ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва воҳидҳои сохтории онҳо шинос аст:

Роҳбари ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он _____ _____ (ному насаб)

ҷ. м. (имзо)

___ _____ соли 20____

Норозигӣ ба санади санҷиш дар "__" варақ замима мегардад.

Роҳбари ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он

_____ _____

ҷ. м. (имзо) (ному насаб)

Дар ҳолати гузаронидани санҷиши ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он аз рӯйи масъалаҳои фаъолияти онҳо ба санади санҷиш метавонад баёноти хаттии корманди масъули ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он бо нишон додани номи хонаводагӣ, ном ва номи падар ва мансаби ӯ, ҳамчунин таърихи пешниҳод шудани он ба роҳбари гурӯҳи санҷиш замима гарданд.

Замимаи №2
ба Тартиби гузаронидани санҷиши
ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти
ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони
хизматрасониҳои молиявӣ

ПАЙНАВИШТИ

қабулу супурди санади санҷиши ташкилоти суғуртавӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ
(шакли намуна)

Бонки миллии Тоҷикистон
Барои истифодаи хизматӣ
Нусхаи №____

Пайнавишти қабулу супурди санади санҷиш

_____
(номи расмии ташкилоти суғуртавӣ)

аз ___ _____ соли 20___

Пайнавишти мазкур вобаста ба супурдани санади санҷиши_____
(номи расмии ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он)

мутобиқи супоришнома барои гузаронидани санҷиш аз ___ _____ соли 20___, №____ барои шинос намудани роҳбари ташкилоти суғуртавӣ

_____
(номи расмии ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он)

таҳия шудааст.

Гурӯҳи санҷиш барои шинос намудани ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он дар асоси ҳуҷҷатҳо (иттилоот)-и аз ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он гирифташуда дар давраи аз ___ _____ соли 20___, то ___ _____ соли 20___ дар се нусха санади санҷишро, ки ҳар кадоми онҳо эътибори якхелаи ҳуқуқӣ доранд, таҳия намуд ва нусхаи санади мазкурро барои шиносоӣ ба ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он месупорад.

Ба роҳбар ё корманди масъули ташкилоти суғуртавӣ зарур аст, ки ҳифзу нигаҳдории санади санҷишро таъмин намуда, дар муҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи имзо шудани пайнавишти мазкур бо он шинос шавад.

Далели шинос шудан бо санади санҷиш бояд бо имзои роҳбар ё корманди масъули ташкилоти суғуртавӣ ва нақши муҳри ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он дар ҳар се нусхаи санади санҷиш ___ _____ соли 20___ соати ___ _____ дақиқа дар бинои ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндании он бо нишонии: _____тасдиқ карда шавад.

Ифшои маълумоте, ки дар санади санҷиш маҳфуз аст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Пайнавишти мазкур дар ду нусха таҳия шудааст.

Роҳбари гурӯҳи санҷиш

_____ _____

(имзо) (ному насаб)

Роҳбари ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он _____

_____ (ному насаб)

ҷ. м. (имзо)

Дар ҳолати ба корманди масъули ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндании он супурдани санади санҷиш насаб, ном, номи падар, мансаби корманди масъули ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он, рақам ва таърихи додани ваколатнома барои иҷрои фаъолият аз рӯйи қабули санади санҷиш барои ба шиносоӣ додани он ба роҳбари ташкилоти суғуртавӣ, филиал ва намояндагии он нишон дода мешавад.